**СУРАТМАҶЛИСИ №88**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**03 январи соли 2026** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №15/шд (бо тағйиру иловаҳо аз 05 июли соли 2024, тахти №225/шд) тасдиқ гардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравanд.

Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

**РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:**

**1. Дар бораи ташкили комиссияи экспертӣ:**

Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров А.Қ. дар бораи пешниҳоди диссертатсияи номзадии Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ иброз намуда пешниҳод намуд, ки барои баррасии диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои шуро Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултетиҳуқуқшиносии ДМТ Давлатзода К.Д. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ҷалолов Х.Ғ. ташкил карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:**

1. Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи номзадии Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ барои экспертиза қабул карда шавад.
2. Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:

–доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои шуро Азиззода У.А;

–доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултетиҳуқуқшиносии ДМТ Давлатзода К.Д.;

– номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ҷалолов Х.Ғ.

**Қарор якдилона бо овоздиҳии ошкоро қабул карда шуд.**

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,** **Мирзозода Қ.Х.**